«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»
Ректори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон,
профессор ___________ Хушвахтзода Қ.Х.
«______»_________________________2022

# НИЗОМНОМАИ КОМИССИЯИ ОДОБ

## I. МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ

1. Низомномаи мазкур тартиби ташкил ва фаъолияти Комиссияи одоб (минбаъд Комиссия)-ро оид ба риояи меъёрҳои ахлоқӣ, қоидаҳои рафтори касбӣ, муносибатҳои байни кормандон (омӯзгорон) ва донишҷӯён (магистрон, унвонҷӯён, докторантон)-и ДМТ муайян мекунад.

2. Ҳадафи Комиссия ин ҳифзи ҳуқуқ ва шаъну шарафи омӯзгорон, кормандон ва муҳассилини ДМТ мебошад.

3. Комиссия дар кори худ Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф», «Дар бораи таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ», «Дар бораи мурољиатҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ», стандартҳои давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳаи маориф ва илм, инчунин, ҳамин Низомномаро ба роҳбарӣ мегирад.

4. Комиссия масъалаҳои марбут ба риояи меъёрҳои ахлоқӣ, қоидаҳои рафтори касбӣ ва муносибатҳои байни омӯзгорон, кормандон ва муҳассилини Донишгоҳро баррасӣ мекунад.

5. Комиссия як мақоми мустақили ташхисӣ буда, ҳуқуқ, амният ва беҳбудии омӯзгорон, кормандон ва муҳассилинро ҳифз намуда, дар асосҳои ҷамъиятӣ фаъолият мекунад.

6. Аъзои Комиссия, аз ҷумла раиси он, вазифаҳои худро ройгон иҷро мекунанд.

## II. Вазифа ва ваколатҳои Комиссия

1. Вазифаҳои Комиссия:

- баррасии муроҷиатҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ оид ба масъалаҳои ахлоқи илмӣ-омӯзгорӣ;
- мусоидат дар расидан ба ҳадафи Кодекси одоб - муқаррар намудани меъёрҳои ахлоқӣ, қоидаҳои рафтори касбӣ ва муносибатҳои байни омӯзгорон, кормандон ва муҳассилини Донишгоҳ барои иҷрои вазифаҳои худ;
- ҳалли ихтилофоти ахлоқӣ, расонидани кӯмак, аз ҷумла машваратҳои махфӣ бо мақсади таъмини фазои мусоиди ахлоқӣ ва равонӣ дар коллективи меҳнатӣ, инчунин дар муҳити донишҷӯён.

Комиссия парвандаҳои марбут ба вайрон кардани қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистонро баррасӣ намекунад.

- омода ва пешниҳод намудани қарори хусусияти тавсиявидошта ба роҳбарияти Донишгоҳ ҷиҳати андешидани ҷавобгарии интизомии шахсе, ки қоидавайронкунӣ намудааст;

- пешниҳоди ҳисобот ба роҳбарияти Донишгоҳ дар бораи кори Комиссия оид ба вайрон кардани ахлоқи илмӣ-омӯзгорӣ.

2. Ваколатҳои асосии Комиссия:

- расонидани ёрии методӣ, машварат оид ба ахлоқи илмӣ-омӯзгорӣ;

- баррасии мактубҳо ва арзу шикоятҳои омӯзгорон, кормандон ва муҳассилин ва дигар шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ, ки ба унвонии Комиссия ирсол шудаанд;

- баррасии масъалаҳои баҳсталаб, ки дар сатҳи воҳидҳои сохторӣ танзим нашудаанд;

- гузаронидани вохӯриҳо, мизҳои гирд, ҷаласаҳо, конфронсҳо, симпозиумҳо;

- дар ҷомеаи касбӣ ташаккул додани принсипҳои эҳтироми тарафайн, кумаки мутақобила, иҷрои масъулиятноки вазифаҳои худ, риояи анъанаҳои муқарраршуда, истисно кардани рақобати беадолатона;

- расонидани кумак ба омӯзгорон, кормандон ва муҳассилин дар баррасии холисона ва ҳалли ихтилофҳо ва баҳсҳое, ки ба вуҷуд омадаанд ё вазъияте, ки боиси пайдоиши баҳсҳо мешаванд.

## III. Сохтори Комиссия

1. Ҳайати Комиссия бо қарори Шурои олимони донишгоҳ муайян мегардад ва бо фармоиши ректори донишгоҳ таъйин карда мешавад.

2. Ҳайати Комиссия иборат аст аз: раис, муовини раис, котиб ва дигар аъзо (на кам аз 3 нафар).

3. Раиси Комиссия аз ҷониби Шӯрои олимон тасдиқ мегардад ва бо фармоиши ректори донишгоҳ таъйин карда мешавад. Раиси Комиссия фаъолияти Комиссияро ба роҳ мемонад ва ҳамаи ҳуҷҷатҳои Комиссияро имзо мегузорад.

4. Аъзои Комиссия дар ҷаласаҳои Комиссия шахсан иштирок мекунанд. Агар дар маҷлис иштирок кардан ғайриимкон бошад, аъзои Комиссия вазифадоранд дар ин бора ба раиси Комиссия бо зикри сабабҳои иштирок накардан, на дертар аз як рӯз пеш аз ҷаласа хабар диҳанд, махфияти маълумоти гирифташударо таъмин намоянд ва ба ифшои иттилооте, ки дар давоми кори Комиссия ба онҳо маълум шудааст, иҷозат надиҳанд, дар таҳияи нақшаи кори Комиссия, рӯзномаи ҷаласаҳои он, пешниҳодҳо оид ба ҷорӣ намудани қоидаҳои рафтор иштирок намоянд.

5. Узвият дар Комиссия дар ҳолатҳои зерин қатъ карда мешавад:

- ариза дар бораи бо розигии худ даст кашидан аз аъзогии Комиссия;

- мунтазам иҷро накардани вазифаҳои узви Комиссия.

6. Комиссия ҳуқуқ ба истеъфо дорад, ки дар ҷаласа Комиссия бо овози аксарият қабул карда мешавад.

## IV. Тартиби кори Комиссия

1. Комиссия фаъолияти худро дар асоси принсипҳои шаффофият, беғаразӣ, мустақилият ва адолат ташкил мекунад.

2. Ҷаласаи Комиссияро раисикунанда роҳбарӣ мекунад. Дар сурати набудани раис ҷаласаи Комиссияро муовини ӯ роҳбарӣ мекунад.

3. Ҷаласаи Комиссия салоҳиятдор аст, агар дар он зиёда аз нисфи шумораи умумии аъзои Комиссия иштирок намоянд.

4. Комиссия аз рӯйи Нақшаи корӣ ва дар ҳолатҳои зарурӣ маҷлис мегузаронад.

5. Қарор аз рӯйи масъалаи баррасишаванда бо аксарияти овозҳои аъзои Комиссияа, ки дар ҷаласа ҳузур доранд, бо овоздиҳии кушода қабул карда мешавад. Дар сурати баробар будани овозҳо, овози раиси Комиссия ҳалкунанда аст.

6. Дар сурати норозӣ будани узви Комиссия бо қарори қабулшуда, эзоҳ дар замимаи протокол оварда мешавад.

7. Комиссия ҳуҷҷатҳои заруриро таҳия мекунад ва нигоҳ медорад (рӯйхати аъзои Комиссия, протоколҳои ҷаласаҳо, мавод, ҳисобот ва ғайра).

## V. Тартиби гузаронидани санҷишҳо оид ба далелҳои вайрон кардани меъёр ва талаботи Кодекси одоб

1. Санҷиш тибқи дастури ректори Донишгоҳ гузаронида мешавад.

2. Санҷиш чунин масъалаҳоро дар бар мегирад: - гирифтани тавзеҳоти хаттӣ ва шифоҳӣ; - ҳуҷҷатҳои марбут ба масъалаи баррасишаванда; - муайян намудани аломатҳои вайрон кардани талаботи Кодекси одоб; - андешидани чораҳои дигаре, ки тафтиши объективиро дар доираи ваколатҳои Комиссия, ки дар ин Низомнома пешбинӣ шудаанд, фаро мегирад.

3. Хулосаи Комиссия аз рӯи натиҷаҳои санҷиш:

- бояд баҳои объективӣ оид ба масъалаи баррасишаванда дошта бошад ва хулосаҳои асоснокро дар бар гирад, ки тасдиқи эътимоднокии маълумоти дар изҳороти хаттӣ дар бораи далелҳои вайрон кардани меъёрҳои ахлоқии рафтор, тавсияҳо ва пешниҳодҳои заруриро дар бар мегирад;
- аз рӯи натиҷаи санҷиш он дар ҷаласаи Комиссия баррасӣ мешавад.

## VI. Ҳуқуқ ва уҳдадориҳои Комиссия

1. Комиссия ҳуқуқ дорад:

- маълумотро дар бораи мурочиати шахси воқеӣ ва ҳуқуқӣ, агар ба андешаи Комиссия ин маълумот дарачаи ҳифзи ҳуқуқҳои омӯзгорон, кормандон ва муҳассилин, бехатарӣ ва (ё) некуаҳволии онҳоро ба таври назаррас афзоиш диҳад, талаб кунад;

- аз дигар коршиносон ва мушовирони мустақил, ки мутахассисони соҳаҳои гуногун мебошанд, кумак пурсад;

- оид ба масъалаҳои ба салоҳияташ буда, тавзеҳот, тавсияҳо, дастурҳо диҳад ва қарор қабул кунад;

- оид ба такмили кор дар воҳидҳои сохторӣ вобаста ба масъалаҳои ахлоқ пешниҳодҳо манзур созад, фаъолияти онҳоро назорат кунад;

- амалӣ намудани дигар ҳуқуқҳо тибқи қонунгузории Чумҳурии Точикистон;

- Комиссия бо тавсияи Раис метавонад узви Комиссияро дар сурати номатлуб ичро кардани вазифаҳои худ бо роҳи овоздиҳии кушод озод кунад.

2. Комиссия вазифадор аст таъмин намояд:

- сифат, беғазарии баррасии дархостҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ оид ба масъалаҳои одобу ахлоқ;

- риояи махфият;

- ҳуччатгузории фаъолияти комиссия, муайян кардани тартиби гузаронидани мачлисҳо, протоколҳои мачлисҳо, огоҳ кардани аъзои он дар бораи мачлисҳои дарпешистода, инчунин ташкили мачлисҳо;

- ичрои босифат ва саривақтии вазифаҳои пешбининамудаи Низомномаи мазкур;

- ташкили фаъолияти Комиссия оид ба ичрои вазифаҳои гузошташуда.

## VII. Чавобгарии аъзои Комиссия

1. Раиси Комиссия бо қарори Шӯрои олимони донишгоҳ аз вазифа озод карда мешавад.

2. Аъзои Комиссия дар шакли истисно аз чониби Комиссия барои ифшои иттилооти махфӣ ва иттилооте, ки ҳангоми ичрои ваколатҳои худ ба онҳо маълум шуда буданд, инчунин, барои амалҳои беадолатона ва ичрои номатлуби вазифаҳои худ аз узвият хорич карда мешавад.

3. Амали беадолатонаи узви Комиссия ҳамчун амали гунаҳкорона ба мақсади расонидани зарар ба шаҳрвандон, шахсони ҳуқуқӣ ва чомеаи касбӣ фаҳмида мешавад.

4. Ичрои номатлуби уҳдадориҳои худ аз чониби аъзои Комиссия метавонад ифода карда шавад:

- нобуд кардан, вайрон кардан, сохтакории ҳуччатҳои муҳим;

- пинҳон кардани қонуншиканиҳои ошкоршуда ё мусоидат ба ин суиистифодаҳо;

- дидаю дониста аъзои Комиссияро гумроҳ кардан;

- фишор овардан ба аъзои Комиссия;

- саркашӣ (иштирок накардан) дар кори Комиссия бе сабабҳои узрнок;

- дигар амалҳое, ки ба ҷомеаи касбӣ зарар мерасонанд.

Бо қарори Шӯрои
олимони ДМТ аз «__»
__________ 2022 тасдиқ шудааст.

| | |
|---|---|
| Муовини ректор оид<br>ба корҳои тарбиявӣ | Раҳмонзода Ҷ.М. |
| Раиси Иттифоқи касабаи<br>устодону кормандони ДМТ | Раҷабов Т.Р. |
| Мудири шуъбаи ҳуқуқ | Муминзода Н.И. |